**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА - 028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ оид ба диссертатсия:**

1. Раҷабов Абубакр Ашурович – унвонҷӯйи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

2. Дараҷаи дарёфт – номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ.

3. Мавзӯъ: «Хусусиятҳои овоӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ».

4. Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессор, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Комиссияи экспертии Шӯрои дисертатсионии 6D. КОА-028–и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ дар ҳайати докторони илмҳои филологӣ Ҳомидов Д., Султонов М., Турсунов Ф. рисолаи номзадии Раҷабов Абубакр Ашуровичро аз назари мубрамии мавзӯъ, таҳлили илмии масоили матраҳшуда, хулосаю натиҷагириҳо ба сифати таҳқиқоти анҷомшуда мусбат арзёбӣ менамояд, зеро мавзӯи мазкур дар забоншиносии тоҷик то ҳол мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Диссертатсияи Раҷабов Абубакр Ашурович ба таҳқиқи хусусиятҳои овоӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Маҳз ба таври диссертатсионӣ кор нашудани калимаҳои арабӣ, ба муҳаққиқ имкон додааст, ки ӯ хусусиятҳои сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабии гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикиро, ки то ҳол дар забоншиносӣ анҷом наёфтааст ба сифати як тадқиқоти алоҳида мавриди пажӯҳиш қарор дода, хулосаҳои илмии мушаххас пешниҳод намояд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, ки дар диссертатсия муайян гардидаанд, дар се боби он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Навгонии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори нахуст роҷеъ ба масъалаи таҳқиқи вижагиҳои овоӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ диссертатсияи алоҳида мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он зуҳур меёбад, ки омӯзиш ва таҳқиқи хусусиятҳои овоӣ ва сохторию вомвожаҳои арабӣ дар шеваи ҷанубӣ барои муайян сохтани роҳи таърихии лаҳҷаҳо ва тараққиёти мунтазами забон ва шеваҳо мусоидат мекунад. Инчунин, ҳангоми мураттаб сохтани барномаҳои таълимӣ ва навиштани китобҳои дарсӣ аз шевашиносии тоҷик барои мактабҳои олӣ ба мураттибону муаллифон ёрӣ мерасонад.

Диссертатсия бар пояи усулҳои таҷзияву таҳлил ва муқоиса истифода шуда, барои равшан шудани масоили мавриди таҳқиқ аз методҳои шарҳу тафсир, таҳлили лексикӣ-семантикию сохторӣ, баррасии омории воҳидҳои луғавӣ ва мушоҳида истифода шудааст. Барои нишон додани ҳолати гузаштаю имрӯзаи вижагиҳои овоӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ истифодаи усули синхронию диахрониро низ истифода гардидааст.

Диссертатсияи Раҷабов Абубакр Ашурович аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ мувофиқ аст. Автореферат ва 4 мақолаи илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР интишор гардидаанд, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд:

[1-М]. Раҷабов А. А. Баъзе вижагиҳои сарфии вожаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / А. А. Раҷабов // Паёми ДМТ, серияи филологӣ. –Душанбе, 2017.- № 4/4. – С. 88-93.

[2-М]. Раҷабов А. А. Мавқеи овозҳои айн [ ع ] ва [ ح ] дар калимаҳои арабии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ/А. А. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2018, №4, (76). – С. 90-94.

[3-М]. Раҷабов А. А. Вожаҳои сохта ва мураккаби арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ /А. А. Раҷабов // Паёми ДМТ, серияи филологӣ. – Душанбе, 2019.- № 1. – С. 99-104.

[4-М]. Раҷабов А. А. Корбурди муродифоти арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ/А. А. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020, №4(87) – С. 107-115.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Раҷабов Абубакр Ашурович "Хусусиятҳои овоӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ" кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Ба ин асос ин диссертатсияро барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ, ки дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тасдиқ шудааст, метавон ба ҳимоя иҷозат дод.

Аз шумораи умумии узви Шӯро рамзи ихтисоси муҳаққиқони зерин бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст:

– Султонов М. - доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон;

– Раҳматуллозода С. Р.-доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон;

– Қосимов О. Ҳ. - доктори илмҳои филологӣ, профессор;

– Ҳомидов Д. - доктори илмҳои филологӣ, дотсент;

– Мирбобоев А. - номзади илмҳои филологӣ, дотсент;

Комиссияи экспертӣ тавсия менамояд, ки ба сифати мукарризони расмӣ доир ба диссертатсияи Раҷабов Абубакр Ашурович Ҷумахон Алимӣ доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ва Исмонов Кароматулло Бадридинович, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъйин карда шаванд.

Ба сифати муассисаи пешбар комиссия Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" – ро пешниҳод менамояд.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

Доктори илмҳои филологӣ: Ҳомидов Д.

Доктори илмҳои филологӣ: Султонов М.

Доктори илмҳои филологӣ: Турсунов Ф.

09. 02. 2021